**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D. КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа, воқеан, ба яке аз мавзуъҳои мубрами шохаи фразеологияи забони тоҷикӣ – муқаррар намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар мундариҷаи сохторӣ ва маъноии воҳидҳои фразеологӣ, бахшида шудааст. Қобили зикр аст, ки мавзуи мавриди таҳқиқ қароргирифта дар буриши ду илми муосир – фразеология ва поэтика анҷом ёфта, онро метавон яке аз аввалин кӯшишҳо дар пажуҳиши самти нави забоншиносии тоҷик – лингвопоэтика, ба қалам дод. Муҳаққиқ дар муқаддимаи диссертатсия иброз медорад, ки ба ҳамин пажуҳиш монанд дар забоншиносии тоҷик, ба истиснои якчанд қайдҳои парокандаи илмӣ, таҳқиқоти мукаммал сурат нагирифтааст ва аз ин ҷиҳат таҳқиқи саривақтии он мубрам арзёбӣ мегардад. Мубрамии мавзуи таҳқикро маҳз ҳамин нуктаи меҳварӣ, яъне баррасии воситаҳои тасвири бадеӣ ҳамчун унсурҳои асосии ташаккулдиҳандаи сохтор ва навъҳои гунонуни маъноҳо дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии гуногунсохти забони адабии тоҷикӣ ташкил медиҳад.

Ҷанбаи дигари арзишманд будани таҳқиқи диссертатсионӣ он аст, ки дар он нақши воситаҳои тасвири бадеии муболиға, истиора, ташбеҳ, тавсиф ва киноя, ҳамчунин вижагиҳои сохториву маъноии онҳо дар сохтор ва мундариҷаи семантикии фразеологизмҳои забони тоҷикӣ муқаррар карда мешавад. Бар замми ин, дар боби аввали диссертатсия ба масъалаҳои маънои забонӣ ва навъҳои он, мақоми маъноҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ таваҷҷуҳ шудааст, ки, ба назари мо, чунин бархурд ҷиҳати муайян намудани мавқеи воситаҳои тасвири бадеии зикршуда дар

ташаккули мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ айни муддаост. Дар диссертатсия ҳамчунин фарқи маҷози забонӣ аз маҷози бадеӣ, гипербола (муболиға) аз литота, тавсиф (эпитет) аз перифраза бо далелҳои равшани илмӣ нишон дода шудааст. Таъкид мегардад, ки ҳар яке аз ин воситаҳо дар мундариҷаи ифодаҳои рехтаи забони тоҷикӣ ба тавассути маҷоз зоҳир мешаванд ва, асосан, вазифаи маънофариро доранд. Дар мундариҷаи маънои фразеологии аксарияти фразеологизмҳо мавҷудияти маъноҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ мушоҳида мешавад. Нуктаҳои зикршуда ва дигар масъалаҳое, ки дар диссертатсия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, бешак, арзиши назариявии онро баланд бардоштаанд.

Навгонии таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки он дар пажуҳиши сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ ва нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули онҳо кӯшиши нахустин мебошад. Он дар заминаи таҳлили маводи бадеӣ, ки дар доираи зиёда аз 40 асари насрӣ ҷамъоварӣ шудаанд, рӯйи кор омада, ҳамчунин метавонад дар шинохти забони осори адибони ҷудогона кумак расонад. Маводи дар доираи диссертатсия таҳлилшударо метавон ҳангоми таҳияи фарҳангҳои тафсирӣ, фразеологӣ ва дузабона истифода намуд. Бар замми ин, тавсияҳои амалии аз ҷониби диссертант пешниҳодшуда барои рушди минбаъдаи илмҳои фразеология, маъношиносӣ, луғатшиносӣ ва адабиётшиносӣ хеле муфид мебошанд.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он мебошад, ки натиҷаҳои бадастомада дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ метавонанд назарияи илми маъношиносии тоҷикро вобаста ба муқаррар намудани мафҳуми маънои забонӣ ва навъҳои он ғанӣ гардонанд. Онҳоро метавон ба таври васеъ дар инкишофи назарияи илми фразеологияи тоҷик вобаста ба хусусиятҳои забонии воҳидҳои фразеологӣ ва, хосатан, таснифоти мундариҷаи маъноии онҳо истифода намуд. Аз он ки масъалаи меҳварии диссертатсияро мақоми воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ ташкил медиҳад, хулосаҳои ҳосилшуда метавонанд назарияи

илми адабиётшиносиро низ дар самти истифодаи санъатҳои бадеӣ дар воҳидҳои гуногуни забон тақвият бахшанд.

Инчунин, хулосаҳои илмии диссертатсияро метавон ба таври васеъ дар таҳияи рисолаҳои илмии магистриву номзадӣ ва докторӣ, таълифи фарҳангҳои тафсирию фразеологӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ, хондани курсу семинарҳои махсус аз фразеология, луғатшиносӣ, маъношиносӣ ва сарфу наҳв дар факултетҳои филологии муассисаҳои олии таълимӣ истифода намуд.

Бо назардошти афзалиятҳои зикршуда диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Маълум мегардад, ки диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи илмӣ мебошад. Дар он саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ба таври равшан аён аст ва мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошташудаи муҳаққиқ ба пуррагӣ ҳаллу фасл гардидаанд. Нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда ва натиҷаҳои ҳосилгардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки муҳаққиқ аз ҷараёни таҳқиқи мавзуъ огоҳии комил дорад ва онро дар доираи талаботи корҳои илмӣ ба сомон расонидааст.

Мавзуи интихобшуда ва мазмуни ягонаи таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 1 монография ва 18 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои илмии таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамо ва тавсияҳои амалии мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудаанд. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба инобат гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)» кори мукаммали аз ҷиҳати илмӣ анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти ин, диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Султон Ҳасан Баротзода –** доктори илми филология, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сарходими илмии шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рудакии АМИТ;

- **Офаридаев Назрӣ** – доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев;

**- Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** – доктори илми филология,

профессор, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқоти технологӣ «МИСиС» дар шаҳри Душанбе.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳмонова Н.Ш.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Гадоев Н.

доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Ҷӯраева М.Р.

“11” ноябри с. 2023